# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-064
# НАЗДИ ИНСТИТУТИ ЗИРОАТКОРИИ
# АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
# АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ
# ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 5
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 12.04.2024, протоколи № 18

Барои сазовор донистани унвони илмӣ ба Намозов Амонулло Каримхонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхонович дар мавзуи "Омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ва шаклҳои ёбоии онҳо дар шароити водии Ҳисор" аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ санаи 19.01.2024, протоколи №12 аз тарафи Шурои диссертатсионии **6D.КОА-064** назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон [735022, ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Дӯстӣ], ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №237, аз 27.10.2022 таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Намозов Амонулло Каримхонович, 14-уми марти соли 1990 дар ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси биология хатм намудааст. Давоми солҳои 2013-2015 аспиранти Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Унвонҷӯ аз моҳи сентябри соли 2015 то инҷониб ҳамчун омӯзгори кафедраи биология ва методикаи таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда, ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2018 иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич** – доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Мушовири илмӣ:**

**Гулов Саидали Маъмурович** - доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ, профессори кафедраи меваю сабзовот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

**Муқарризони расмӣ:**

**Фелалиев Акрамшо Саидшоевич** – доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АМИТ, сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварии Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбекови АМИТ.

**Бойматов Тоҷибой Эргашевич** – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар ш. Хуҷанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кучаи Айнӣ, 67) дар хулосаи мусбии муассиса, ки аз тарафи муқарриз, дотсенти кафедраи биологияи умумии факултети химия ва биологияи ДДБ номи Носири Хусрав, номзади илмҳои кишоварзӣ Қ.Рукнидинов омода шудааст, дар ҷаласаи Шурои олимони факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, протоколи №7 аз 28 феврали соли 2024 баррасӣ гардида, аз тарафи раисикунандаи Шурои олимон номзади илмҳои химия Ятимов П.М. ва котиби Шурои олимон, Пиров А. имзо гардида, аз тарафи Ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Намозов Амонулло Каримхонович аз рӯйи муҳимият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Унвонҷӯ Намозов Амонулло Каримхонович оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз он 4 мақола дар

маҷаллаҳои илмии эътирофнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 тавсиянома нашр гардидааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тасдиқгардидаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

**[1-М]. Намозов А.К.** Биологические особенности выращивание и повышение урожайности местных сортов яблоны в условиях гиссарской долины Таджикистана / С.М Гулов, А.К.Намозов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2016. №8, -С. 195-197. ISSN 2413-452X

**[2-М]. Намозов А.К.** Сравнительное сортоизучения некоторых местных сортов яблоны в условиях центрального Таджикистана / С.М.Гулов, А.К.Намозов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» Душанбе - 2014. №4 (64), -С. 78-79. ISSN 2074-5435.

**[3-М]. Намозов А.К**. Адаптации и вегетационный период у местных сортов яблони / С.М.Гулов, А.К.Намозов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Душанбе – 2018. № 2, -С. 213-217. ISSN 2413-452X

**[4-М]. Намозов А.К.** Навъҳои себҳои маҳаллӣ ва аҳамияти хоҷагии селексионии онҳо / А.К.Намозов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» Душанбе – 2021. №3 (92), -С.61-64. ISSN 2074-5435

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

**[5-М]. Намозов А.К.** Тавсифи биоэкологии себҳои маҳаллии водии Ҳисор /С.М.Гулов, А.К.Намозов // Конференсияи 8-уми Байналмилалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 3-4 октябри соли 2019. -С. 175-176.

**[6-М]. Намозов А.К.** Таъсири нуриҳои минералӣ ба рушд ва ҳосили дарахтони себ дар шароити Тоҷикистони Марказӣ / С.Абдуллоев., Ф.Қ.Давлатов, А.К.Намозов, Р.А.Шарипов, Ҳ.Н.Назиров // Конференсияи илмию назариявӣ байналмилалӣ дар мавзуи: "Истифодабарии усулҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка". Душанбе - 2022. -С. 29-33.

**[7-М]. Намозов А.К.** Маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор / А.К.Намозов, Ҳ.Н.Назиров, С.М.Гулов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: "Нақши Пешвои миллат дар саноатикунонии соҳаи кишоварзии мамлакат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин". Данғара- 2023. -С. 69-74.

**[8-М]. Намозов А.К.** Баҳодиҳии агробиологии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар шароити водии Ҳисор / А.К.Намозов // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: "Нақши Пешвои миллат дар

саноатикунонии соҳаи кишоварзии мамлакат ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин”. Данғара - 2023. С. 74-81.

**Тавсиянома**

**[1-М]. Намозов А.К.** Тавсиянома “Боғпарварӣ” / С.М.Гулов., М.Т.Бобоев, А.К.Намозов, Р.С.Наботов // Душанбе – 2021. -35с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Адилов Махсут Мирваситович**— доктор илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи Сабзаводкорӣ ва ташкили хоҷагиҳои гармхонагии Донишгоҳи давлатии аграрии Тошкент. Дар тақриз чунин камбудиҳо нишон дода шудааст:

   1. Ба ҷадвалҳои 7-9 эзоҳи рамзкушоии нишондиҳандаҳои зерин: V, X, Sx-ро қайд карда пешниҳод кардан мақсаднок мебуд, аммо ба диаграммаи 1 ва ҷадвали 6 $НСР_{05}$-ро ҳисоб кардан лозим.
   2. Дар сарлавҳаи ҷадвали 11 ва матни автореферат хатогиҳо имлоӣ мавҷуданд.

2. **Қаландароф А.Ф.**– номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо номи Шириншоҳ Шоҳтемур (Тақриз мусбӣ мебошад).

3. **Қурбоналӣ Партоев** - доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ мебошад).

4. **Музафарзода Д.М.-** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент, мудири кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара (Тақриз мусбӣ мебошад).

5. **Саидзода Нахтулло Саид-** номзади илмҳои кишоварзӣ, директори Коллеҷи политехникии Донишгоҳи давлатии Данғара (Тақриз мусбӣ мебошад).

6. **Сатторов Ҷамшед Саидович-** доктори илмҳои биологӣ, дотсент, директори Маркази инноватсионии биология ва тибби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Дар тақриз чунин камбуди нишон дода шудааст:

   - Ҳангоми вазифагузорӣ дар рисолаи мазкур 12 вазифа гузошта шудааст, ки ин теъдод барои рисолаи номзадӣ ниҳоят бисёр аст.

7. **Эрст А.С.** - номзади илмҳои биология, корманди пешбари илмии озмоишгоҳи «Гербарий» Боғи ботаникии Сибир, Маркази шуъбаи Сибири Академияи илмҳои Россия (ББС МШС АИР) (Тақриз мусбӣ мебошад).

Ҳамаи тақризҳои аз тарафи муқарризон пешниҳодшуда мусбат буда, қисмати асосии эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд, онҳо муҳимии мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯ будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи номзадӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он Намозов Амонулло Каримхонович шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, дар асоси комёбиҳо ва дастовардҳои онҳо оид ба омӯзиши агробиологии коллексияи навъҳои себҳои маҳаллӣ, хусусан дар самти селексия ва тухмипарварӣ, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

**Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда** бар он асос ёфтааст, ки он муассисаи илмӣ – таҳқиқотиест, ки ба ҳалли мушкилотҳои кишоварзӣ: интихоб намудани навъҳои беҳтарини себҳои маҳаллӣ ва шаклҳои ёбоии он барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ, ғани гардонидани навъу хелҳои гуногуни боғдории ҷумҳурӣ, бунёди боғҳои саноатии интенсивӣ ва роҳҳои ҳифзу нигоҳ доштани захираҳои генетикии навъҳои маҳаллии себ мебошад дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро карданӣ таҳқиқоти илмӣ:**

**-коркард карда шуд** хусусиятҳои биологӣ (тобоварӣ ба шароити табиӣ, хушкӣ, таркиби хок ва ҳарорати ҳаво), дараҷаи паҳншавии онҳо дар минтақа барои корҳои селексионӣ моҳияти муҳим доранд.

**-пешниҳод шудааст,** ки аз ҷиҳати ба хушки тобовар 5 навъи маҳаллӣ (Гулсеб, Шакарсеб, Чарсаксеб, Тирамоҳӣ, Рауфӣ), 2-навъҳои воридотӣ (Голден Делишес, Стар Кримсон) ва 4 шакли ёбоӣ (Ҳ-30, С3, АИ-33, АИ-65), ки дорои дараҷаи баланди обнигоҳдорӣ (3,9-7,5%) мебошанд, интихоб карда шуданд.

**-исбот шудааст,** ки навъҳои себҳои маҳаллӣ дар шароити водии Ҳисор маҳсулнокии хуб нишон доданд ва истифодаи онҳо самаранок мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст,** ки дар асоси омӯзиши агробиологии навъҳо ва шаклҳои себ аз рӯйи хусусиятҳои асосии истеҳсолию биологӣ, манбаъҳои хусусиятҳои аз ҷиҳати истеҳсолӣ арзишнок оид ба истифода намудани онҳо дар корҳои селексионӣ барои бунёди боғдории саноатии Ҷумҳури Тоҷикистон илман исбот шудааст:

**-омӯхта шуд -** аввалин маротиба дар шароити водии Ҳисор омӯзиши агробиологии навъҳои маҳаллӣ, навъҳои воридшуда ва шаклҳои ёбоии себ ва маҳсулнокии навъу шаклҳои ёбоии себ вобаста ба тайғирёбии иқлим.

**-муайян карда шуд,** ки дар шароити водии Ҳисор навъу шаклҳои пуркимати ояндадори себ ҳамчун маводи аввалияи селексионӣ ва ғани гардонидани асортименти навъҳои себ дар ҷумҳурӣ.

**-баён шудани омӯзиши** агробиологӣ, ҷудо кардани навъҳои беҳтарини себҳои маҳаллӣ, ва шаклҳои ёбоии он барои истифодабари дар корҳои селексионӣ, ғани гардонидани навъу хелҳои гуногуни боғдори ҷумҳурӣ, бунёди боғҳои интенсивӣ ва нигоҳ доштани захираҳои генетикии навъҳои маҳалли себ.

**-ошкор гардидани** хусусиятҳои маҳсулнокии навъҳои себҳои маҳаллӣ дар асоси натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти илмӣ метавон истифода бурд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар амалия бо он исбот мешавад, ки** натиҷаҳои илмӣ ва санҷиши истеҳсолии таҷрибаҳои саҳроӣ оид ба маҳсулнокии навъҳои маҳаллӣ ва воридотии себ дар хоҷаги деҳқонии “Тағой”-и н.Вахши вилояти Хатлон ва ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ-и ноҳияи Рудакӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии “Зарафшон” ва “Ҷовидон” дар майдони 2га татбиқ карда шудааст.

**-офарида шуд** – низоми амалии тавсияҳои технологияи интенсивӣ парвариш кардани навъҳои маҳаллии себи Тирамоҳӣ, Чарсаксеб, аз навъҳои воридотӣ навъҳои Фуджӣ, Старкримсон ва Голден Делишес дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**-пешниҳод карда шуд** – тавсиянома оид ба парвариши себҳои навъҳои маҳаллӣ ва воридотӣ барои хоҷагидорон ва муассисаҳои таълими ба соҳа алоқаманд.

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ натиҷаҳои таҳқиқот дастрас карда шуд**: дар натиҷаи дуруст ташкил намудани таҷрибаҳои гузаронида бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони соҳа мувофиқат мекунад ва саҳеҳияти таҳқиқот

ошкор намуд, ки дар рафти кор усулҳои парвариши дарахтони мевадиҳанда дар шароити водии Ҳисор ҳосили баландро таъмин менамояд асоснок карда шуд;.

**-назария:** дар баробари ин афзоиши зарарнокии касалиҳои кӯтурак ва гардзанӣ, ки бо зиёд шудани таъсири маҷмӯи фишорҳо дар марҳилаи гулкунӣ ва пас аз он рост меояд, муайян карда шуд, ки он имкон дод навъ ва шаклҳои тобовартарин манбаъҳои ин аломат муайян карда шаванд ва парвариши дарахтони мевадиҳанда дар шароити водии Ҳисор метавонанд ҳосили баланду босифати меваро таъмин менамояд;

**-ғоя асоснок шудааст:** дар асоси таҳлили амалияи хулосаи таҷрибаи пешқадами муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба парвариши дарахтони мевадиҳанда;

**-истифода шуданд:** муқоисаи натиҷаҳои муаллифӣ ва натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти пешин оид ба мавзуи диссертатсия;

**-муайян шуданд:** миқдоран ва сифатан мувофиқаткардани натиҷаҳои муаллифӣ бо манбаъҳои холис, ки аз рӯйи мавузи мазкур оварда шуданд дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;

**-истифода карда шудаанд** - «Барнома ва методикаи селексияи дарахтони мевадиҳанда, буттамевагиҳо ва чормағзиҳо Орел [1995] "Барнома ва методикаи омӯзиши навъҳои дарахтони мевадиҳанда, буттамевагиҳо ва чормағзиҳо Орел [1999]", "Барнома ва методикаи омӯзиши навъҳои дарахтони мевадиҳанда, буттамевагиҳо ва чормағзиҳо" Мичуринск [1989]. Инчунин истифодаи "Ҷанбаҳои методологии муосири ташкили раванди корҳои селексионӣ дар боғдорӣ ва токпарварӣ" Краснодар [2012]. Андозаҳои баландии дарахтҳо, диаметри шохсорҳо (ба ҳисоби миёна ду ченкунӣ дар самтҳои амудӣ), дарозии қутри тана дар баландии 60 см гузаронида шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

-дар ҳама марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, интихоби шакл ва навъҳои себҳои маҳаллӣ, воридотӣ ҷамъбасти маводҳои таҷрибаҳои саҳроӣ, коркарди оморӣ, татбиқи натиҷаҳои бадастоварда муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст;

-муқаррароти асосии назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бевосита аз тарафи муаллиф пешниҳод ва баррасӣ шудаанд;

-иштироки бевосита дар иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, муйянкунии аломатҳои биометрӣ, коркарди

дисперсионию математикии натиҷаҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ, матни диссертатсия ва автореферати он;

Ҳамаи хулосаҳои дар боло зикршударо ба назар гирифта, диссертатсияи Намозов Амонулло Каримхоновичро ба талаботи "Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ" нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ дониста, ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-064-и назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз санаи 10 -уми апрели соли 2024, протоколи №18 сазовор донистани Намозов Амонулло Каримхонович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шурои диссертатсионӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№237, аз 27.10.2022) тасдиқ карда шудааст, иборат аз 11 нафар буда, дар ҷаласа 10 нафар, аз ҷумла 4 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок дошта, чунин овоз доданд: **тарафдор 10 нафар**, зид **нест,** бюллетенҳои беэътибор **нест.**

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

12.04.2024

Имзоҳои Н.М. Асозода ва Ш.С. Пӯлотова -ро
тасдиқ менамоям, нозири калони кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ Сайнизоми Бобохуҷа